# ИСТИҚЛОЛ- АРЗИШМАНДТАРИН ПАДИДАИ ИҶТИМОӢ – СИЁСӢ

Истиқлол- бузургтарину арзишмандтарин падидаи иҷтимоию маънавӣ, ки баҳори 33-юминаш ба диёри биҳиштгунаи мо қадам гузошт, ҳидоят ба бедорӣ, истиқлоли манишу пиндори созанда аст, даъватест ба бунёди ояндаи дурахшон барои пасояндагон. Сутуни заррини ин атои худовандӣ, ин самараи азму талошу муборизаҳои ҳазорсолаи ниёгони тоҷдору номварамон аз муҳаббату садоқати мо ба ҳамдигар, ба Ватан-Модар, аз маърифату ҳунару ғайрату ҳиммати мо ба хотири пешрафти куллӣ дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагонӣ устувортар мегардад.

Истиқлол ҳадяи тасодуфии тақдир нест, чуноне ки баъзе чунин андеша доранд: таърих гувоҳ аст, ки он ормони милливу орзуи наслҳо тайи қарнҳо буд ва ниёгони тоҷдорамон чун дигар халқони куҳанбунёд бо ҷасорату матонат ҳамеша баҳри озодӣ талош варзидаанд. Ва руҳи поки ҳазорон муборизони халқ ба нишоту сурури имрӯзаи мо ҳамроҳ гашта дуруд мефиристад. Ва мо ба арвоҳи поки онҳо саҷда мекунем, арҷ мегузорем, номашонро бо самимияту ифтихор ба забон меоварем. Ва нахуст арҷ мегузорем ба Коваи оҳангар, ки бар алайҳи Заҳҳоки бедодгар ливои исён барафрошт. Ирони бостони аҳди Пешдодӣ беш аз 100 сол зери истилои қавми пешгузаштагони араб буд ва дар таърихи Ориёно Кова нахустин инсонест, ки парчами эътирозу озодихоҳии мардумро бар алайҳи аҷнабиён барафрошт. Нахустин муборизи роҳи истиқлол дар Тӯрони ориёӣ малика Томирис буд, ки бар зидди лашкари 200-ҳазорнафараи Куруши кабир муқовимати шаддид анҷом дод, онҳоро бо найранги ҷангие ба дараи танге кашида нобуд кард ва номашро чун бонуи мардсифату муборизу диловаре дар сафҳаи таърих мондагор намуд. Озодихоҳӣ аз азал ба ниёгони номвари мо хос буд. Аз таърих бароямон муқовимат бар зидди лашкари юнониён маълум аст. Ҳазорон ватанпарастон бо сарварии Спитамен зидди Искандари Мақдунӣ размиданд. Баъди Искандар духтари Вахшуварт - Рухшона бо писари хурдсолаш Искандари 4 ашрофони бохтариро ба ҳам оварда, империяи Римро идора кард. Дертар дар олами эллинӣ ба арсаи сиёсат духтари диловари Спитамен –Алама омад, ки ҳамсари қайсари нави мақдуниҳо-Селевк буд. Набераи Спитамен - Антиохи 1 сарварии Осиёи Миёнаро ба дӯш дошт ва худро ворисӣ Ориёншаҳр медонист. Тоҷикон якуним қарн забону фарҳанги худро миёни римиҳою юнониён ҳифз карда тавонистанд, онҳо ба руҳи бешикасти озодипарастии мо тоб наоварда, ҳатто бисёр дастовардҳои тамаддуни ориёиро пазируфтанд. Масалан, муаррихон мегӯянд, ки Искандар дар дарбор ҳатто тарзи либоспушии мардуми форсро ҷорӣ карда буд…

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарашон «Тоҷикон дар оинаи таърих» барҳақ навиштаанд, ки «фарзандони фидоиву баномуси мо дар ҳама давронҳо, бавежа ҳангоми истилои муғулон, дар ҷое бо силоҳ, дар ҷое бо зиракию ҳусни тадбир, дар ҷое бо фаросату хиради воло, дар ҷое бо панду ҳидоят ва дар ҷое бо муросою мадоро барои истиқлол ҷонбозиҳо кардаанд ва ин омилҳо бо ифтихори миллӣ, эҳсоси муқаддаси меҳандорӣ пайванде ногусастанӣ доранд. Ҳатто талоши сисолаи ҳакими бузург Фирдавсӣ дар нигориши «Шоҳнома»

намунаи олии истиқлолхоҳиву ватандӯстист, ки бо нигориши таърихи пурифтихори силсилаи шоҳони Пешдодӣ, Каёнӣ, Ашконӣ ва Сосонӣ шукуҳу шаҳомати фарҳанги ҷаҳонтасхири бостон ва оини давлатдории моро афзуда, дами шамшери хунрези бегонагонро кунд сохт ва истилогаронро бо тамаддуни куҳанбунёдамон ошно намуда, миллати моро аз парокандагӣ раҳонид»…

ДАВЛАТЗОДА САРВИНОЗ АБДУМАЛИК-мудири шуъбаи фанзои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон